Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

## ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ – доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Ҷурабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич ба диссертатсияи Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст.**

### Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот

Дар шароити муосир хусусан давраи ҳасосе, ки ҷаҳонро ба таҳлука афтондааст (COVID-19) омӯзиши сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ яке масъалаҳои рушди иқтисодиёти муосир мубрам аст, зеро ин нишондиҳанда дар тавсифи вазъи мунтазами иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро мебозад. Аз дигар тараф, сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ нишондиҳандаест барои татбиқи самарабахши сиёсати пулию қарзӣ ва рушди устувори иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд .

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни воҳӯриашон ба Маҷлиси Олӣ чунин қайд намуданд: “Низоми бонкӣ бояд ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд ва сарчашмаи асосии дастгирии молиявии ҳадафҳои давлат бошад”.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2019 низ чунин дарҷ ғардидааст: “Бонки миллии Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон - “Амонатбонк” бояд ҷиҳати ба таври назаррас зиёд намудани ҳаҷми

қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, алалхусус, бахшҳои истеҳсолӣ ва паст кардани фоизи он чораҳои таъхирнопазир андешад".

Дар кори диссертатсионии такризшаванда дуруст қайд гардидааст, ки сатҳи монетизатсия иникоскунандаи қобилияти низоми молиявии давлат баҳисоб меравад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, раванди монетизатсияи иқтисодиёт зуҳуроти мураккаби иқтисодӣ аст, ки таъмини ҷараёни истеҳсолот ва муомилоти ҳаҷми (массаи) пулро, ки барои ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтҳо, ташаккули таносуби дар соҳаи сармоягузори ва истеъмолот, инчунин рушди бозори пул зарур мебошад, тавсиф менамояд.

Мушоҳида мегардид, ки давоми давраи тадқиқшаванда ҳолати таъмини иқтисодиёт бо пул аз тарафи субъектҳои хоҷагидор ба тамоюли рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Муҳиммияти мавзӯи интихобгардида инчунин бо ислоҳотҳое, ки дар мамлакат гузашта истодааст, вобастааст ва вазифаи аввалиндараҷа ин беҳдошти самарабахши сиёсати пулию қарзӣ ва рушди устувори иқтисодиёти кишвар, инчунин омӯзиши омилҳои таъсиррасон мебошад.

Аз ин рӯ, барои баҳодиҳии воқеии сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, бояд нишондиҳандаҳое мавриди омӯзиш қарор ёбанд, ки объекти талаботи соҳибкорон ва субъектҳои дигари хоҷагӣ ба пул бошанд ё ба сатҳи қонеъгардонии талаботҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, субъектҳо таъсири мусбат расонанд. Дар ин замина, зарурияти омӯзиши иқтисодӣ-омории масъалаи қайд гардида ба миён меояд.

Ҳамин тариқ чӣ хеле, ки дар боло қайд намудем, мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда актуалӣ буда, пешбурди таҳқиқот дар ин самт сари вақтӣ ва актуалӣ мебошад, ки дар он ҳалли муаммоҳои ҷойдошта дар самти беҳдошти самарабахши сиёсати монетарӣ ва рушди устувори иқтисодиёти кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки он аз манфиат холӣ намебошад. Зеро дар диссертатсия ҳам ҷабҳаҳои назариявӣ ва ҳам методологии ин мавзӯъ аз назари оморӣ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои илмии асоснокшуда пешниҳод карда шудаанд.

## Сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои диссертатсия

Қисмати назариявию методии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба таҳқиқи ҷабҳаҳои назариявию методологии омӯзиши сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ бахшида шудаанд, асос ёфтааст.

Бартарии диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки мавзӯи мазкур аз тарафи олимони соҳа дар шакли ҷузъи дида шудааст ва муаллиф муаммоҳои ҳалнашударо дар самти таъмини иқтисодиёт бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, мӯқоисаи сиёсати фискалӣ бо монетарӣ, ҳамзамон ҳамчун омили таъсиррасон ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ инчунин самарабахши сиёсати монетарии кишвар бо низоми нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи он асоснок кардааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усулҳои диалектикӣ, риёзӣ, таҳлили сохторӣ, таснифӣ (классификатсия), динамикӣ, муқоисавӣ, коррелятсионӣ-регрессионӣ, моделсозии иқтисодӣ-оморӣ, индексӣ, инчунин бо тасвири графикӣ ва барномаҳои муосири омории коркард ва таҳлили маълумот, аз ҷумла Excel истифода шудаанд.

## Сохтор ва мундариҷаи кор

Вазифаҳое, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ гузоштааст ба ҳадафи таҳқиқот мувофиқат мекунад. Сохтори диссертатсия мантиқан дуруст буда ба мундариҷаи таҳқиқот мутобиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшавандаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда ва дақиқ мебошанд. Зеро онҳо ба асосҳои методологӣ, назариявӣ ва маълумотҳои мушоҳидавии таҳқиқотӣ такя мекунанд.

Диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқотҳои илмии нахусттин дар соҳаи омор мебошад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст. Диссертатсия равандҳои асосии таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллиро дар бар мегирад, ки яке аз масъалаҳои мубрам мебошад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ зерфасл, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт, ки аз 167 номгӯй иборат буда, дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 173 саҳифа навишта шудааст. Диссертатсия аз 26-то расм ва 21-то ҷадвал иборат аст.

**Дар муқаддима** мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф ва объекти таҳқиқот, мавзӯъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, ва **марҳилаҳои таҳқиқот,** пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дигар нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия қайд карда шудаанд.

Аз ҷумла, муаллиф дар ин қисмат дуруст қайд намудааст, ки омӯзиши сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ аз муайянсозии як нишондиҳанда ё ҳалли як масъалаи марбут ба бонкдорӣ ғайриимкон аст, зеро объекти таҳқиқот маҷмӯи талаботҳое мебошад, ки он низ баробари тағйирпазирии иқтисодиёт дар афзоиш буда ва зарурият ба миён меояд, ки нишондиҳандаҳои монетаризатсия ва дигарҳо дар ҳампайвастагӣ мавриди таҳқиқ қарор гиранд. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ, дар ин замина таҳияи пешниҳодоти илман асоснокардашуда ва тавсияҳои амалӣ барои беҳдошти сиёсати пулию қарзӣ мебошад.

**Боби якуми диссертатсия оид ба “Асосҳои назариявии таҳқиқоти омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ”,** номгузорӣ карда шуда, моҳияти омӯзиши масъалаҳои иқтисодии монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ (саҳ. 12–31), ки дар ин боб оиди пайдоиш ва марҳилаҳои асосии рушди назариявии монетизатсияи иқтисодиёт бо мисолҳои давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, инчунин таърифи омории илман асоснокардашудаи монетизатсияи иқтисодиёти

миллӣ дида баромада шудаанд (саҳ. 17–30). Муаллиф дар асоси омӯзиши маводҳои илмӣ– назариявӣ дар зерфаслҳои дигар таъсири монетизатсия дар устувории рушди иқтисоди миллӣ ва инчунин омилҳои асосии ташакулдиҳандаи динамикаи раванди монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ бо модели классикии иқтисодӣ-оморӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Дар боби дуюм "Усулҳои омории таҳқиқоти монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ"**, доир ба низоми нишондиҳандаҳои омории монетизатсияи иқтисодиёт истифода аз нишондиҳандаҳои калидии раванди монетизатсиякунонии иқтисодиёт тахти омӯзиш қарор ёфта, муаллиф қайд менамояд, ки асоси таҳлилро ин нишондиҳандаҳо ташкил медиҳанд. Вобаста ба зерфасли дигар, ки усулҳои андозагирии коэффисенти монетизатсияи иқтисодиёт номгузорӣ гардидааст, ки тарз ва усулҳои таҳлилии коэфисенти монетизатсия бо тарзҳои гуногун пешниҳод гашта, дарҷ карда шудааст. Зимнан, муаллифи диссертатсия унсури муҳими коэффитсиенти сатҳи монетизатсияи иқтисодиётро нишондиҳандаи маҷмӯи махсулоти дохилӣ мешуморад. Вобаста ба ин дар солҳои 2015-2019 тибқи таҳқиқоти муаллиф суръатафзоии рушди миёнаи ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии воқеӣ ба 8,3 фоиз баробар мебошад. Бо ақидаи диссертант суръатафзоии миёнасолонаи нишондиҳандаи ҳаҷми васеъи пул (М4), ки дар солҳои таҳлилшаванда 19,7 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба суръатафзоии миёнасолонаи нишондиҳандаи ҳаҷми маҷмӯи махсулоти дохилии воқеӣ пешгузар мебошад. Яке аз масъалаи мубрами дигари мавзӯъ манбаҳои маълумот барои таҳияи низоми нишондиҳандаҳои монетизатсияи иқтисодиёт мебошад, ки аз тарафи муаллиф руйи коғаз дарҷ гардидааст.

Дар анҷоми таҳқиқоти боби мазкур, муаллифи диссертатсия такмил додани усулҳои омориро вобаста аз амалӣ намудани ҳодисаҳои гуногуншакл ва мураккаби иқтисодӣ зарур мешуморад. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти мазкур, усули махсуси оморӣ - ҷудо кардани коэффитсиенти

умумӣ ба коэффитсиентҳои фардии алоҳида дар таҳлили сатҳ ва динамикаи таъмини иқтисодиёт бо пул истифода бурда шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия “Моделсозии иқтисоди-омории монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ”** ба омилҳои ташаккулдиҳандаи модели омилии монетизстсияи иқтисодиёти миллӣ, истифода ва баҳои омории модели аддетивӣ ва мултипикаттивии монетизатсияи иқтисодиёт, инчунин таҳлили омории таъсиррасонии омилҳо дар сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ кайд карда шудаанд.

Бо ақидаи муаллиф вобаста таҳқиқот сатҳи таъмини иқтисодиёт бо пул хусусияти мавсимӣ дорад. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти муаллиф ояндабинии сатҳи монитизатсияи иқтисодиёт барои давраи мавсимӣ, яъне семоҳаҳои 1 ва 2-юм барои ҳамин давраҳои соли оянда дида мешавад. Бахусус, дурнамои қимати сатҳи қатори вақтӣ тибқи модели адитивӣ, ва модели мултипикативӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои мавсимӣ муайян карда шудааст.

Муаллиф қайд менеамояд, ки модели аддитивӣ ва мултипликативӣ доимо тағйирёбии нишондиҳандаҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳанд, мутобиқи таҳлили ӯ соли охир, яъне 2019 танҳо аввали давра коэффитсиенти монетизатсияи иқтисодиёт ба 25% рост омадааст, боқӣ дар доираи 27% истодагарӣ намудааст. Мувофиқи назария, ба ақидаи диссертант, ин устувор нигоҳ доштани сатҳро дар муддати як сол нишон медиҳад, ки тарафи мусбиро пайгирӣ менамояд. Мутобиқи дурнамои овардашуда дар рисолаи диссертатсионӣ сатҳи монетизатсия дар ҷумҳурӣ дар аввали соли 2022 ба 79,026 ва 27,572 баробар мешавад.

Инчунин ҳаҷми пулҳои накдии дар муомилотбуда 2,9 маротиба аз ҳисоби суръати афзоиш ва афзоиши мутлақ бошад, ба 8688 миллион сомонӣ арзёбӣ намудааст. Дар диссертатсия қайд гаштааст, ки дар давраҳои таҳлилӣ тамоилоти гуногуни нишондиҳандаҳои пулҳои захиравӣ ба назар мерасанд. Дар солҳои 2018 ва 2013 пули накд дар муомилот ба микдори 2,53 банди фоизӣ афзоиш ёфта, захираҳои ҳатмӣ

дар ҳаҷми -2,73 банди фоизӣ коҳиш ёфта ва пасандозҳои дигар бошад, бо андозаи 0,25 банди фоизӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Чунин тамоили афзоиши ҳиссаҳои қиёсии унсурҳои пулҳои захиравӣ ба тағйирёбии сохтории он таъсири нобаробари худро расонидааст (саҳ. 147) .

Дар бахши хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳо ва тавсияҳои мушаххаси илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ баён ва ҷамъбаст гардидаанд.

Дар қисматҳои ҷамъбастии рисола феҳристи адабиёти истифода шуда, ки аз 167 номгӯй иборат аст, оварда шудаанд.

**Эътимоднокии баёнияҳои илмӣ, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда**

Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст.

**Камбудиҳо ва норасоиҳои диссертатсия**

Дар баробари бартариҳои дар боло номбаршуда диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ба қисме аз онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

1. Дар саҳифаи 26-уми диссертатсия муаллиф коэффитсиенти монетизатсия дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, мавриди таҳқиқ қарор додааст, аммо ин нишондиҳандаҳо дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ баррасӣ нашудаанд. Агар таҳлили омории ин нишондиҳанда сурат мегирифт, сифати кор боз ҳам беҳтар мешуд.

2. Муаллиф зерфасли дуюмро нақши монетизатсия дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ номгузорӣ намудааст, аммо дар хулосабарорӣ дар шакли конкретӣ баррасӣ нагаштааст.

3. Хуб мешуд, агар мундариҷаи боби сеюми кори диссертатсионӣ (махсусан, зербобҳои сеюм) аз ҷиҳати илмӣ таҳрир карда шуда бо номи боб мусоидат мекарданд ва самтҳои асосии такмили нишондиҳандаҳои

омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт бо дурнаморо дар шароити муосир дар бар мегирифтанд.

4. Дар саҳифаи 140 зерфасл таҳлили омории таъсири монетизатсия ба рушди иқтисодиёт номгузори гаштааст ва бештар тавсияи олимони хориҷӣ мавриди эътибор қарор дода шудааст, хуб мебуд такия бо ақидаҳои олимони кишварамон карда мешуд.

5. Дар кори диссертатсионӣ ғалатҳои имлоию техникӣ ва таҳририе мавҷуданд, ки бахсталаб буда, фаҳмидани фикри муаллифро душвор мегардонанд.

Камбудиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта осон ислоҳшавандаанд ва ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи иҷрошуда таъсир расонида наметавонанд.

**Хулоса**

Кори диссертатсионии Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ» дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ иҷро гардида, кори мустақилонаи илмии ба итмом расида мебошад.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи унвонҷӯ буда, натиҷаҳои ба дастомада боварибахш мебошанд ва бешубҳа арзиши муайяни илмию амалӣ доранд. Тавсияҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми коркард ва такмилдиҳии механизмҳои арзёбӣ ва идоракунии самарабахши сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Автореферати рисолаи номзадӣ мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра дар бар мегирад ва мувофиқи талаботи мавҷуда тайёр карда шудааст.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Холов Р.Ш. ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаи номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор арзанда мебошад.

**Муқarrизи расмӣ:**

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**

**кафедраи идораи давлатӣ ва маҳалии**

**Донишкадаи саёҳӣ, соҳибкори ва хизмат** **Ҷурабоев Ғ.Ҷ.**

Суроға:
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
Биёбони Борбад 48/5 Тел: (992) 934369060
E-mail: gafurjon51@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва маҳалии Донишкадаи саёҳӣ, соҳибкори ва хизмат Ҷурабоев Ғ.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДССХ. Ҷураев Ш.Н.